**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих**

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 10.07.2025, таҳти №19**

Барои сазовор донистани Муродзода Аҳмадхон Амрохон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих

Диссертатсия дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳу Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихиро 12-уми марти соли 2025, суратмаҷлиси №6, шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст) ба ҳимоя қабул кардааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Муродзода Аҳмадхон Амрохон 16-уми феврали соли 1968 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1985 ба шуъбаи рӯзонаи факултети таърихи Донишкадаи давлатии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ) дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 1992 аз рӯйи ихтисоси муаллими таърих хатм намудааст. Соли 1995 ба зинаи аспирантураи донишгоҳи мазкур дохил шуда, онро соли 1999 аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ хатм намудааст. 1-уми июли соли 2004 рисолаи номзадиро дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар матбуоти даврии солҳои 1989-1997» дифоъ кардааст.

Унвонҷӯ Муродзода Аҳмадхон Амрохон солҳои 2000–2024 ба ҳайси ассистент, муаллими калон, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик, декани факултет ва дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият намудааст. Аз 7 январи соли 2025 директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ фаъолият доранд.

Мавзуи рисолаи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 24-уми апрели соли 2013, таҳти №4/11.2. зери

мушовирии доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АМИТ Пирумшоев Ҳайдаршо тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ иҷро шуда, бо хулосаи шуъбаи мазкур ба ҳимоя тавсия шудааст. (аз 4-уми марти соли 2025 таҳти №3)

**Мушовири илмӣ**: Пирумшоев Ҳайдаршо – доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АМИТ, сарходими илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ.

**Муқарризони расмӣ:**

Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи археология, этнография ва диншиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

Муҳиддинов Сайдалӣ Раҷабович –доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон;

Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич - доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (ш. Кӯлоб).

Дар тақризи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик номзади илмҳои таърих С.Н. Суфиев, ташхисгар – доктори илмҳои таърих, профессор М.Х. Абдуллоев ва котиби ҷаласа н.и.т., дотсент Сафаров Х.Х. (суратмаҷлиси №11, аз 04.06.2025) имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода М.В. тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Муродзода Аҳмадхон Амрохон бо назардошти навгонии илмӣ, мубрамӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалияш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Рисола дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Муродзода Аҳмадхон Амрохон сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Унвонҷӯ муаллифи 1 монография, 25 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз онҳо 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Монографияҳо:**

[1-М]. Муродзода А.А. Таърихнигории таърихи сиёсии солҳои 40-уми асри XIV- XV дар Мовароуннаҳру Хуросон [Матн] / А.А. Муродзода. – Душанбе, 2025.-236 с.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[2-М]. Муродов, А.А,. Табибиён, Ҳ. Боғҳои Темурӣ ва меъмории он [Матн] / А.А. Муродов., Ҳ. Табибиён//Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.– Душанбе, 2013.-№1 (50). -С.128-132.

[3-М]. Муродов, А.А. Инъикоси баъзе паҳлуҳои таърихи хонадони Темуриён дар «Мунтахаб-ут-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон [Матн] / А.А. Муродов//Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2014. -№6 (61).-С.74-76.

[4-М]. Муродов, А.А. Баъзе ҷузъиёти шахсияти Темурланг дар осори Садриддин Айнӣ [Матн] / А.А. Муродов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.– Душанбе, 2015. -№1 (62-1). -С.43-46.

[5-М]. Муродов, А.А. Ҷаҳолати даҳшатангези Темурланг аз нигоҳи Фома Метсопски [Матн] / А.А. Муродов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – ДушанбеЮ, 2015. - № 6 (67).-С.260-263.

[6-М]. Муродзода, А.А. Инъикоси давраи Темур ва Темуриён дар «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-и Бобоҷон Ғафуров [Матн] / А.А. Муродзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. -№6 (89). -С.262-268.

[7-М]. Муродзода, А.А. Инъикоси вазъи сиёсии Хатлон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ [Матн] / А.А. Муродзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. -№5 (88). -С.266- 270.

[8-М]. Муродзода, А.А. Инъикоси ҷунбиши сарбадорони Самарқанд дар «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров [Матн] / А.А. Муродзода //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. -№3 (86). - С.242-245.

[9-М]. Муродзода, А.А. Фавти Темурланг ва талошҳои Халил султон барои ҳокимият [Матн] / А.А. Муродзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. -№2 (91). -С.284-288.

[10-М]. Муродзода, А.А. Ваҳшониятҳои даҳшатангези Темурланг аз нигоҳи Ибни Арабшоҳ [Матн] / А.А. Муродзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022.-№5 (100). -С.340- 345.

[11-М]. Муродзода, А.А. Инъикоси баъзе масоили таърихи давлати Темуриён дар «Таърихи Рашидӣ»-и Мирзомуҳаммад Ҳайдари Дуғлот [Матн] / А.А. Муродзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022.-№2 (97).-С.343- 347.

[12-М]. Муродзода, А.А. Инъикоси баъзе ҷузъиёти хонадони Темуриён дар асари «Сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур»-и Клавихо [Матн] / А.А. Муродзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. -№3 (98). – С.350-355.

[13-М]. Муродзода, А.А. Инъикоси вазъи сиёсии ҳироти аҳди Темур ва Темуриён дар «Равзоту-л-ҷаннот фӣ авсофи мадинати Ҳирот»-и Муҳаммад Исфизорӣ [Матн] / А.А. Муродзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022.-№4 (99). - С.270- 278.

[14-М]. Муродзода, А.А. Инъикоси баъзе ҷузъиёти Темур ва Темуриён дар «Тазкирату-ш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ [Матн] / А.А. Муродзода // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ». – Душанбе, 2023. -№1 (60) - С. 266–274.

[15-М]. Муродзода, А.А. Инъикоси лашкаркашии Улуғбек ба Хуросон дар “Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-улбаҳрайн”-и Абдураззоқи Самарқандӣ [Матн] / А.А. Муродзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. – Душанбе, 2023. - №1 (49).-С. 230-237.

[16-М]. Муродзода, А.А. Инъикоси шӯриши сарбадорони Самарқанд дар сарчашмаҳои таърихии аҳди Темуриён [Матн] / А.А. Муродзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.– Душанбе, 2023.-№8 (103). - С.201-207.

[17-М]. Муродзода, А.А. Ҳукумати Муизуддин Ҳусайни Курт дар Хуросон аз рӯйи асари «Зубдату-т-таворих»-и Ҳофизи Абрӯ [Матн] / А.А. Муродзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – С.186–192.

[18-М]. Муродзода, А.А. Ҳукумати султон Абусаид дар Мовароуннаҳру Хуросон аз рӯи ахбори Абдураззоқи Самарқандӣ [Матн] / А.А. Муродзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. -№6 (101). – С.217–222.

[19-М]. Муродзода, А.А. Шӯриши сарбадорони Самарқанд аз нигоҳи академик В.В. Бартолд [Матн] / А.А. Муродзода // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ». – Душанбе, 2023. -№2 (61). -С.287-294.

[20-М]. Муродзода, А.А. Ахбори Иоганн Шилтбергер дар бораи ваҳшониятҳои Темурланг [Матн] / А.А. Муродзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. -№7 (102). -С. 209–214.

[21-М]. Муродзода, А.А. Нақши Нарзулло Маҳмудов дар баррасии масоили иқтисодии асрҳои XIV-XV-и Мовароуннаҳру Хуросон [Матн] / А.А. Муродзода // Фурӯғи илм. – Душанбе, 2024. -№ 2 (2). - С.2024–215.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

[22-М]. Муродзода, А.А. Фасеҳи Хавофӣ ва "Муҷмалу-т-таворих"-и ӯ [Матн] / А.А. Муродзода // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 1050 солагии Абурайҳони Берунӣ дар мавзуи "Абурайҳон Берунӣ – алломаи машриқзамин". – Душанбе, ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 20 майи соли 2023. -С.90–98.

[23-М]. Муродзода, А.А. Инъикоси лашкаркашиҳои Темур ба Хуросон дар сарчашмаҳои таърихии аҳди Темуриён [Матн] / А.А. Муродзода // Маводи конференсияи илмӣ назариявии байналмилалӣ дар мавзуи "Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ" бахшида ба 1800-солагии таъсисёбии давлати Сосониён, Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 26 апрели соли 2024.- С.110–114.

[24-М]. Муродзода, А.А. Талошҳои Шоҳрух барои ба даст овардани Мовароуннаҳр [Матн] / А.А. Муродзода // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 115- солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон". Душанбе, ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 23 декабри соли 2023. - С.63–71.

[25-М]. Муродзода, А.А. Хатлон дар сарчашмаҳои таърихии давраи Темуриён [Матн] / А.А. Муродзода // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 2700 солагии шаҳри Кӯлоб дар мавзуи "Аз таърихи шаҳри Кӯлоб". – Душанбе, 2006. -С.53-57.

[26-М]. Муродзода, А.А. Шарафуддин Алии Яздӣ ва «Зафарнома»-и ӯ [Матн] / А.А. Муродзода // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 115- солагии академик Бобоҷон Ғафуров дар мавзуи "Бобоҷон Ғафуров-муаррифгари таърих ва тамаддуни тоҷикон". Бохтар. ДДБ ба номи Н. Хусрав, 16 декабри соли 2023. - С.333-339.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров, академики Академияи илмҳои табиии Русия Турсунзода Назирҷон. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

2. Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров Давлатов М. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

3. Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Маликов М. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

4. Доктори илмҳои таърих, профессори таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Гадозода Абдукибор. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

5. Доктори илмҳои таърих, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ҳомидзода Ф.М. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд**: бори нахуст маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва натиҷаҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV чун мавзуи таърихнигорӣ воқеъбинона мавриди пажуҳиш қарор дода шуд;

- **ошкор менамояд**, ки баъзе масъалаҳои норӯшани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар доираи таърихнигорӣ мушаххас гардид.

- **пешниҳод шудааст, ки** сарчашмаҳои таърихие, ки роҷеъ ба ваҳшониятҳои ин давраи таърихӣ, аз ҷониби Темур ва хонадони Темуриён дар ин минтақа ба вуқуъ пайвастааст, ба расмулхати тоҷикӣ бозгардон ва дастрасӣ доираи васеи хонандагон намоянд. Ҳамзамон, натиҷаҳои пажуҳиш метавонанд ба исёну ноороմиҳо ва ошӯбҳои мардумие, ки дар минтақа ба амал меомаданд ва боиси бераҳмона пахш шудани онҳо гардидаанд, равшании бештар андозанд.

- **исбот шудааст,** ки бар асари лашкаркашиҳои Темур ва Темуриён дар Мовароуннаҳру Хуросон қатли ом, бунёди калламанораҳо, вайрону валангор сохтани шаҳрҳо, қалъаҳо, ошубҳои мардумӣ, ситонидани андозҳои такрорӣ сурат гирифта, боиси ноором ва қаҳтию гуруснагии мардуми ин минтақа гардиданд.

- **ҷорӣ намудани** фанни махсусе тахти унвони «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» дар макотиби олӣ. Маълум аст, ки имрӯз ин давраи таърихӣ ниёз ба омӯзиши бештар дорад. Тадриси ин давраи таърихӣ бар асоси манобеи муътамад ва назари таърихнигорони ҳирфаӣ хеле муҳим мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асоснок карда шудааст, ки** дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқҳо вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV муайян шудааст. Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳамияти илмиву амалӣ дорад, инчунин муайян кардани ҳодисаҳои таҳқиқнашуда ва норавшани таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик барои насли имрӯз ва ояндаи миллат аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV – шӯриши сарбадорони Самарқанд ва оқибатҳои он, вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон то ба сари қудрат омадани Темур, лашкаркашиҳои Темур ба Хуросон ва оқибати он, исёну ошубҳои сокинони Мовароуннаҳру Хуросон бар зидди Темур ва Темуриён, вазъи илму фарҳанги Ҳирот дар асоси маълумоти сарчашмаҳо ва осори муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

- **баён шудани** вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми XIV ва асри XV ва истифодаи васеи сарчашмаҳои таърихии форсию арабии ин замон муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин асос, омилҳои парокандагии дохилию сиёсии минтақа ва фишору даҳшати ҳокимони вақт бар сари мардум нишон дода шудааст.

- **ошкор гардидани** ҳуҷумҳои пайдарпайи хонҳои муғул ба Мовароуннаҳр, иттифоқи амир Ҳусейн бо Темур бар зидди хонҳои муғул ва шикасти онҳо, «Ҷанги Лой» ва оқибатҳои он, шӯриши сарбадорони Самарқанд ва аҳаммияти таърихии он, кушта шудани амир Ҳусейн аз ҷониби Темур, ба сари қудрат омадани Темур, замони ҳукумати ӯ ва ворисонаш бар асоси манбаъҳои таърихӣ ва таҳқиқоти донишмандон аз мубрамии таҳқиқоти мазкур шаҳодат медиҳад.

- **омӯхта шудани** манобеи таърихии замон, таҳқиқи назари муаррихону пажуҳишгарон оид ба масоили сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми XIV ва асри XV  аз муҳимтарин масъалаҳои мавзуи таҳқиқ ба ҳисоб меравад.

- **аз нав такмил додани** барномаҳои таълимии фанни таърихи халқи тоҷик, такмили китобҳои дарсӣ ва аз ҳама муҳим,. тадриси курси махсусе

ҷиҳати шарҳу тавзеҳи таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми XIV ва асри XV зарур аст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки**: натиҷаҳои он метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масълаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба давраи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

- **муайян карда шуданд**, ки таҳқиқоти мазкур ва натиҷаҳои он метавонанд дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик, таърихнигории таърихи халқи тоҷик ва манбаъшиносӣ мавриди истифода қарор гиранд.
- **офарида шуд**: дар асоси таҳлили манбаъҳои таърихӣ ва таҳқиқи осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ бори аввал масъалаҳои мубрами таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми XIV ва асри XV ба риштаи таҳқиқ кашида шуд.
- **муаррифӣ карда шуд:** сарчашмаҳои таърихии фарогири вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV Мовароуннаҳру Хуросон ва осори илмии ба ин давр бахшидашуда.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки маълумоти дақиқ, маълумоти муътамади сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои асосии таҳқиқот муҳим мебошанд. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

- **ғоя** дар пояи манобеъи муҳимми асри XIV ва асри XV, инчунин осори муаррихон, ки ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии давраи мазкур бахшида шудаанд, **асоснок шудааст**.
- **истифода шудаанд:** осори Эмомалӣ Раҳмон, маълумоти манбаҳои таърихии давраи таҳқиқ ба забони форсӣ, осори ҷуғрофӣ-таърихии сайёҳону муаррихони асримиёнагӣ, таҳқиқоти олимону муҳаққиқони русу араб, узбек, аврупоӣ, амрикоӣ ва дастовардҳои илмии таърихнигорони ватанӣ дар таълифи рисола мусоидат намуданд.
- **муайян шудаанд**, ки имрӯз зарурати омӯзиши таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми XIV ва асри XV дар доираи маъбаъшиносӣ ва таърихнигорӣ пеш омадааст. Таҳқиқоти мазкур фарогири таърихнигории вазъи сиёсии нимаи дуюми асри XIV, таърихи ба сари қудрат омадани Темур лашкаркашиҳои Темур ва Темуриён ба Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои XIV-XV, таҳқиқи оқибатҳои лашкаркашиҳо, омилҳои аз байн рафтани давлати

Темуриён дар Моварооуннаҳру Хуросон, нишон додани саҳми тоҷикон дар рушду нумуи илму фарҳанги ин давраи таърихӣ маҳсуб меёбад.

- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои муносибати комилу системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих маъмул – таърихият, пайвастагии хронологӣ ва мантиқии баёни воқеаҳо, масъалагузорӣ, қиёси назарӣ, шаффофият ва воқеият дар асоси далелҳо, пайвастагии хронологӣ-мантиқӣ ва равиши омехтаи соҳавӣ кор гирифта шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, матлабҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмиву амалӣ ва семинарҳои назариявӣ, ҳамзамон, дар таҳияи барнома ва васоити таълимӣ дар мактаби олӣ вобаста аст. Ҳамчунин, таҳияи нақшаву дебоча, таълифи таҳқиқот, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар маҷлиси 10 июли соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Муродзода Аҳмадхон Амрохонро ба дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктарони илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ 5 нафар. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**
**10.07.2025**